# ТАҚРИЗ

ба рисолаи илмии Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст

Тарбияи ватандӯстии насли наврас яке аз ҷузъҳои таркибии ҷараёни тарбия ба ҳисоб рафта, онҳоро дар роҳи садоқат ба Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, худогоҳию хештаншиносӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ ҳидоят менамояд.

Тадбирҳои мунтазами Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалӣ шудани сиёсати давлатии наврасону ҷавонон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёд ва ташаккули шахсияти онҳо дар ҷомеа нақши асосӣ ва самарабахш бозида истодааст. Бахусус, қабул ва амалигардии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»”, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 дар роҳи амалишавии сиёсати давлатии тарбияи насли наврас дастовардҳои назаррас ба бор оварданд.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи интихобнамудаи Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ” мубрам буда, ба тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути омӯзиши фанни таърих ва шиносоӣ бо кишвари хеш равона шуда, ба ин васила ҳисси ватандӯстию ифтихори миллӣ ва меҳру муҳаббати онҳоро ба ватани аҷдодӣ, эҳтиром ва ҳимояи он меафзояд.

Мақсади таҳқиқотро муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ва дар амалияи педагогӣ ба таври таҷрибавӣ асоснок намудани хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ гузошта, имконият, муҳити таълиму тарбия ва шароитҳои педагогии тарбияи хонандагонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ дар фаъолиятҳои фориғаздарсӣ ва омӯзиши маконҳои таърихии маҳалли зисти донишомӯзону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст.

Муҳаққиқ зимни таҳқиқоти илмӣ ақидаҳои педагогии осори адибон, мақола, асар, таҳқиқот ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии ба таълиму тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ бахшидашудаи олимон-

педагогҳо ва муҳаққиқони ватаниву хориҷиро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст.

Муҳаққиқ хеле бамаврид муайян намудааст, ки кишваршиносӣ ба хонандагони синфҳои болоӣ дар бораи маҳалли зист ва шахсиятҳои маъруфи он маълумоти мукаммалро дар ихтиёр мегузорад. Ҳамгиро намудани маводи кишваршиносӣ ба фанҳои гуногун, аз қабили таърихи халқи тоҷик, ҷуғрофия, таърихи умумӣ, адабиёт ва амсоли инҳоба васеътару фаррохтар донистани таъриху фарҳанги миллат ва эҳтиром гузоштан ба он мусоидат мекунад.

Таркиб ва сохтори рисола аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, манбаъ ва ҳадафи пажӯҳиш, фарзияҳо ва марҳилаҳои таҳқиқот, асоси назарӣ ва амалию усулу роҳҳои таҳқиқ муназзам гардидааст. Рисолаи илмӣ дар заминаи таҷриба ва собиқаи корӣ ба миён омадааст, ки ин дастоварди хуби муҳаққиқ мебошад.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аниқро бозгӯ мекунад. Инчунин, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ риоя карда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмии назариявию амалии муҳаққиқ, дар фишурдаи диссертатсия норасоиҳои зерин дида мешаванд, ки зикри он характери тавсиявӣ дорад:

1. Хуб мебуд, агар унвонҷӯ дар фишурдаи кор санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва консепсияву барномаҳои давлатӣ, бахусус, қабул ва амалигардии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»", Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медод. Ин арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам афзунтар мегардонд.
2. Сарфи назар аз мутобиқати умумии возеҳии забони рисола, бархе аз ақидаҳои муаллиф норавшананд ва дақиқияти мантиқӣ ва услубиро талаб менамоянд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси унвонҷуйро дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Рисолаи илмӣ дар мавзуи "Хусусиятҳои педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути таъриху кишваршиносӣ"ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Саиднуриддинзода Аҳлиддин Саиднуриддин сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Президенти
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ш.Сафаров

21.08.2024 с.

**Маълумот барои тамос:** 73.4024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Адҳамов 11,2. Телефон: (+992) 92 701 15 55.
E-mail: safarovsh@mail.ru

Имзои Ш.Сафаровро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Г.Саидова

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ